# Марҳалаи навбатии амалигардонии барномаи стратегӣ

(Аввалаш дар саҳ.1)

Ҷонишини раиси Кумитаи Олий Маҷлис оид ба буҷа, масъалаҳои бонкиву молиявӣ Раҳмонқул Каримов дар хусуси лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурияти Ўзбекистон «Дар бораи омори давлатӣ» дар қироати дуюм маърўза намуд.

Маърўзачӣ зикр намуд, ки лоиҳаи қонун дар якҷоягӣ бо Кумитаи Олий Маҷлис оид ба масъалаҳои ислоҳоти иқтисодӣ ва тадбиргарӣ таҳия гардида, баробари маъқул донистан бо қироати аввал дар иҷлосияи гузаштаи Олий Маҷлис ба муҳокимаи умумихалқӣ пешкаш гардид. Он аз 15 модда иборат буда, муносибатҳои ҳуқуқиро дар бораи ҷамъ овардани маълумотҳо аз хусуси ҳаёти иҷтимоиву иқтисодии мамлакат, умум гардондан, паҳн кардан ва маҳфузияти онро дар бар гирифтааст.

Дар рафти муҳокимаи умумихалқӣ бисёр таклифу мулоҳизаҳо расиданд ва 15 тои он аз тарафи гурўҳи корӣ қабул гардида, бо ҳамин тағйироту иловаҳо ба лоиҳаи қонуне дароварда шуданд, ки дар саҳифаҳои матбуот эълон гашта буд. «Аз он ҷумла, матлаби нав дохил карда шуд, ки маъниаш ин зайл аст: «Барои дахолат кардан ба фаъолияти мақомоти омори давлатӣ аз тарафи мақомоти давлатӣ ва ҳокимияти маҳаллӣ роҳ гузошта намешавад». Ҳамчунин, моддаҳои 6, 8, 9, 10, 12, 13 ҳам таҳрир гардида, иловаҳои зарурӣ дароварда шуданд.

Лоиҳаи қонун ба назардошти мувофиқат кардани низоми омори мамлакатамон ба усулиятҳои иқтисоди бозаргонӣ, таъмини ягонагии муносибат ба ташкили омори давлатӣ дар Ҷумҳурияти Ўзбекистон дар пойгоҳи андозаву қоидаҳои байналхалқии аз ҷониби умум эътирофгардида таҳия гардидааст.

Мақсад аз қабули қонун ин ба вуҷуд овардани асосҳои ҳуқуқист, ки ба он бояд тамоми субектҳои хоҷагидорӣ новобаста аз шакли моликият ҳангоми таҳияи маълумотҳои оморӣ қатъан риоя кунанд. Тартиби ташкили омори давлатиро муайян карда, муносибатҳои ҳуқуқиро, дар бобати ҷамъ овардан, умум гардондан, паҳн намудан ва маҳфузият доштани иттилооти оморӣ оиди вазъи иҷтимоиву иқтисодии мамлакат танзим мегардонад.

Лоиҳаи қонун созмон додани мақомоти мустақили ваколатдори омориро дар ҷумҳурият ва бахшу шўъбаҳои онро дар маҳалҳо дар бар гирифтааст.

Демократиконии фаъолияти мақомоти омор ва озодкунии он дар бобҳои алоҳида ба забон гирифта шудаанд. Аз он ҷумла, ба мақсади демократиконии фаъолияти мақомоти омор дар назди он созмон додани Кенгаши ҳайати оморӣ дар назар дошта шудааст, ки он барои ривоҷу равнақи соҳа, ҳаллу фасли муаммоҳо, мувофиқ гардондани фаъолияти мақомоти омор шуғл меварзад.



Нуқтаҳои болоиро ҷамъбаст намуда, гуфтан зарур аст, ки лоиҳаи қонун пеш аз ҳама барои мустаҳкам кардани асосҳои омор, боз ҳам амиқгардонии низоми мустақил, ба вуҷуд овардани сохтори мустақил, дахлнопазир ва боварибахши он нигаронда шуда, пурра ба андозаҳои байналхалқӣ мувофиқат мекунад. Масъалаҳои ташкилиро дар бар гирифта, ваколату масъулияти мақомоти мазкур, пеш бурдани низоми иттилоотии онро муайян кардааст. Ҳуқуқҳои мақомоти омор хеле баланд бардошта шудаанд.

Дар муҳокимаи масъалаи мазкур вакилони халқ Мирзомашраб Кўччиев — ҳокими ноҳияи Паркенти вилояти Тошканд, Мансур Зокиров — раиси Ҷамъияти саҳҳомии «Бухоротурист», Абдирасул Ғафуров — сардухтури Беморхонаи марказии ноҳияи Қамашии вилояти Қашқадарё иштирок намуданд ва лоиҳаи қонун ҳамчун асос пазируфта шуда, қарори Олий Маҷлис дар бораи тартиби эътибор пайдо кардани он қабул гардид.

Бо ҳамин рўзи аввали кори иҷлосияи даҳуми Олий Маҷлис даъвати дуюм ба анҷом расид.

13 декабри соати 10.00. Ба маҷлисгоҳи Олий Маҷлис Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон Ислом Каримов, Раиси Олий Маҷлис Эркин Халилов, ҷонишинони Раиси Олий Маҷлис Борис Бугров, Мўсо Ерниёзов, Фарруха Муҳиддинова ворид мегарданд ва ҳозирин онҳоро бо чапакзании бардавом пешвоз мегиранд.

Баъди номнавискунии вакилони халқ иҷлосия ба кори худ шурўъ мекунад.

Имрўзҳо дар шароити иқтисоди бозоргонӣ пешгирӣ кардани муфлисшавии корхонаҳо, ташкилоту муассисаҳо, истифода бурдани тадбирҳои санатсия, ҷустуҷў намудани роҳҳои солимгардонӣ аз нигоҳи молиявӣ масъалаи муҳим аст.

Бо назардошти ана ҳамин масъала Кумитаи Олий Маҷлис оид ба масъалаҳои ислоҳоти иқтисодӣ ва тадбиргарӣ лоиҳаи нави Қонунро «Дар бораи муфлисӣ» таҳия намуд ва бо таҳрири нав ба муҳокимаи вакилони халқ пешкаш кард. Дар ин бора раиси кумитаи мазкур Муҳаммадҷон Умаралиев маърўза кард. Маърўзачӣ қайд намуд, ки қонун дар ин бобат чор сол муқаддам қабул гардида, вақтҳои охир бисёр бандҳои он ба талаби замон ҷавобгў нест. Аз ҳамин сабаб лоиҳаи қонуни нав, ки иборат аз 13 бобу 194 модда аст, ба муҳокимаи шумо вакилони халқ дар таҳрири нав пешкаш карда мешавад. Чунки қонуни дар амалбуда дар бобати ҳимоя намудани ҳуқуқҳо ва манфиатҳои қонунии идоракунандагони беруна ва шахсони боъэтимод як қатор муаммоҳоро ба миён овард. Нуқсонҳоро дар бобати тақсим кардани амвол ба вуҷуд оварда, низоъҳо сар заданд. Мўҳлати пештараи шаш моҳаи баргардондани қарзҳо ба се моҳ фуроварда шуд.

Навгонии лоиҳаи қонуни мазкур боз дар бобати кушодани парвандаҳои хоҷагӣ мебошад. Ва он барои шахсони ҳуқуқӣ ба андозаи 100 каррат ҳаҷми музди ҳадди ақали меҳнат, барои шахсони ҷисмонӣ 10 каррат ҳаҷми музди ҳадди ақали меҳнат муқаррар гардид. Қарздории аз он паст дар муносибатҳои байниҳамдигарӣ ҳаллу фасли худро меёбанд. Назорат ва санатсияи суди ҷорӣ кардан пешбинӣ гардидааст. Мақсад аз он пешгирӣ кардани қонуншиканӣ то марҳалаи дида баромадани парвандаҳо дар суд мебошад. Ва ин нуктаҳо барои бартараф сохтани муаммоҳои иловагӣ дар соҳаи муфлисӣ имкониятҳои иловагиро фароҳам меоварад.

Ҳини таҳияи лоиҳаи қонун таҷрибаи давлатҳои Ғарб омўхта шуд.

Дар муҳокимаи лоиҳаи қонун вакилони халқ Парда Мадиев — ҳокими ноҳияи Сариосиёи вилояти Сурхондарё, Кутлибой Хўҷамуродов — директори Ҷамъияти саҳҳомии тарзи кушоди «Хоразм шакар», Неъматулло Қурбонбоев — раиси Иттиҳодияи ҳудудии вилоятии «Намангонмевасабзавот», Тошпўлод Бобоҷонов — раиси садорати Ҷамъияти саҳҳомии тарзи кушоди «Экспедитсияи мавзўъгии маҷмўъгӣ» Эркин Ҳайдаров— ҷонишини аввали раиси садорати Ҷамъияти «Бухороқурулиш» иштирок намудаанд.

Лоиҳаи қонун дар қироати аввал маъқул дониста шуд.

Раиси Кумитаи Олий Маҷлис оид ба масъалаҳои муҳити атроф ва ҳифзи табиат Қудайберген Ҷумъабеков дар хусуси лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурияти Ўзбекистон «Дар бораи боигариҳои зеризаминӣ» маърўза намуд. Вай зикр намуд, ки лоиҳаи қонун бо таҳрири наву қироати дуввум ба ҳукми шумо, вакилони халқ пешкаш карда мешавад. Дар рафти муҳокимаи умумихалқии он ба кумитаи мо 170 таклифу мулоҳиза расида, аз он се моддаи нав ҷо пайдо карда, 27 модда аз тағйиротҳои назаррас баҳра бардошт. Нуктаи сарвари давлатамон Ислом Каримов ҳангоми муҳокимаи он дар иҷлосияи нўҳуми Олий Маҷлис, ки «он бояд заминаи ҳуқуқии босамар барои азхудкунии боигариҳои зеризаминӣ гардад» пурра ба эътибор гирифта шуд.

Ҳангоми таҳияи он бо таҳрири нав мо ҳаракат кардем, ки тамоми механизми таъсирбахши бархурдорӣ аз боигариҳои қаъри заминро истифода барем, ки он пеш аз ҳама маҳфузияти захираҳои бои маъданиву ашёи хомро барои насли оянда таъмин месозад. Ҳини баррасии лоиҳа дар ҷамъомадҳо таҷрибаи мамлакатҳои аз нигоҳи иқтисоди мутараққиро ба назари эътибор гирифтем.

Дар лоиҳаи қонуни нав барои аз тарафи давлат таҳия гардидани барномаи аниқи стратегии истифодабарии боигариҳо, додани кафолати зарурӣ ба сармоягузорон оиди истифодабарии қитъаҳои боигариҳои зеризаминӣ диққату эътибори калон нигаронда шудааст.

Дар як моддаи он нуктаи нав дар бораи ҳуқуқҳои амволдорон баён гардидааст. Ҳамчунин моддаи алоҳида дар хусуси реестри давлатии боигариҳои зеризаминӣ дар Ҷумҳурияти Ўзбекистон оварда шудааст. Дар он маълумот дар бораи натиҷаҳои арзёбии корҳои ҷустуҷўкуниву иқтисодӣ ва шартҳои тадқиқотҳо, миқдор ва сифати ашёи хоми гирифташаванда ва арзиши он бо назардошти талаби бозор ба ҳар кон ба алоҳидагӣ тартиб дода шудааст.

Дар лоиҳаи қонун намуд ва мўҳлати истифодабарии боигариҳои зеризаминӣ, ҳуқуқ ва ўҳдадориҳои истифодабарандагон он муайян гардида, талабҳои асосӣ оиди оқилона истифода бурдану ҳифзи боигариҳо, асосҳои боздоштан ва маҳдуд сохтану қатъ гардондани ҳуқуқи истифодабарандагони қитъаҳои қаъри замин муқаррар гардидаанд. Мақомоте номбар гардидаанд, ки назорати давлатиро аз болои тадқиқотҳои геологӣ, истифодабариву ҳифзи боигариҳои қаъри замин амалӣ мегардонад.

Дар лоиҳаи қонун ҳамчунин мақсадҳо ва вазифаҳои ин ҳуҷҷати муҳим, ваколатҳои Девони Вазирон, мақомоти ҳокимияти идораи давлатӣ дар маҳалҳо дар соҳаи танзими муносибатҳое, ки ҳангоми ихтиёрдорӣ, истифодабарии боигариҳои зери замин сар мезананд, муайян гардидаанд.

Дар муҳокимаи он вакилони халқ Николай Кучерский — раиси Консерни давлатии «Қизилқум нодирметаллолтин», Тўрабек Долимов — ректори Донишгоҳи миллии ба номи Мирзо Улуғбек, Геннадий Прохоренко — сардиректори Ҷамъияти саҳҳомии тарзи кушоди «Комбинати маъдани кўҳии Алмалиқ» иштирок намуданд ва Олий Маҷлис қонунро қабул карда, қарорро дар хусуси тартиби эътибор пайдо кардани он тасдиқ намуд.

Вакилони халқи Олий Маҷлис ба муҳокимаи масъалаи навбатии иҷлосия лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурияти Ўзбекистон «Дар бораи декларатсиякунии ҷамъи даромади солонаи шахсони ҷисмонӣ» (қироати аввал) шурўъ намуданд. Дар ин бора ҷонишини раиси Кумитаи Олий Маҷлис оид ба буҷа ва масъалаҳои бонку молия Раҳмонқул Каримов маърўза намуд.

Маърўзачӣ таъкид намуд, ки бо назардошти таҷрибаи мамлакатҳои аз нигоҳи иқтисодӣ муқтадир ва мувофиқи нуктаҳои Фармони Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон «Дар бораи тадбирҳои марҳала ба марҳала ҷорӣ кардани низоми декларатсиякунии ҷамъи даромади солонаи шахсони ҷисмонӣ» лоиҳаи қонуни мазкур таҳия гардидааст. Дар он во-



зеҳу равшан баён гардидааст, ки ҷамъи даромади кадом тоифаи одамон ба декларатсиякунӣ мансуб асту ҳуқуқу ўҳдадориҳои шахсони ҷисмонӣ, яъне шаҳрвандон, дар ин бобат кадомҳоянд. Баробари ин таҷрибаи пешқадам ва тинати миллиамон ба назари эътибор гирифта шудаанд. Алалхусус, мақомоти мутасаддии соҳа, ҳуқуқу ўҳдадориҳои он ба пуррагӣ маънидоди худро пайдо карданд. Қабул гардидани он дар бобати ба вуҷуд овардани низоми ягона дар соҳаи мазкур мусоидат карда, пеш аз ҳама ошкорогии даромадҳоро таъмин месозад, роҳи ҳар гуна қонуншиканӣ ва даромади муфтро тамоман мебандад.

Дар муҳокимаи лоиҳаи қонун вакилони халқ Эшбой Умматов — ҳокими ноҳияи Пахтачии вилояти Самарқанд, Робия Каттаева — директори мактаби рақами дуюми шаҳри Тирмизи вилояти Сурхондарё, Гавҳар Ибодуллоева — сарвари шўъбаи вилоятии хоразмии Маркази ҷумҳурии «Маънавиёт ва маърифат» иштирок намуданд. Президенти Ўзбекистон фикру мулоҳизаҳои худро доир ба ин лоиҳаи қонун баён сохт. Олий Маҷлис лоиҳаҳои қонунро дар қироати аввал маъқул донист ва қарор кард, ки он ба муҳокимаи умумихалқӣ пешкаш карда шавад.

Вакилони халқ ба баррасии лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурияти Ўзбекистон «Дар бораи муроҷиати шаҳрвандон» шурўъ карданд, ки онро Кумитаи Олий Маҷлис оид ба муассисоти демократӣ, ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва мақомоти худидораи шаҳрвандон пешкаш кардааст. Дар ин бора раиси кумитаи мазкур Акмал Саидов маърўза намуд. Вай зикр намуд, ки лоиҳаи қонуни мазкур, ки аз 25 модда иборат аст, ба муҳокимаи умумихалқӣ гузошта шуда, дар рафти он бисёр таклифу мулоҳизаҳо расиданд ва бо дурдонаҳои мардум ғанӣ гардид. Бисёрии ин таклифу мулоҳизаҳо ба эътибор гирифта, аз лоиҳа акси худро пайдо намуданд. Дар он нуктаҳои асосие номбар гардидаанд, ки ҳуқуқҳои шаҳрвандонро ба муроҷиат кардан ба мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо новобаста аз шакли моликият танзим гардонда, тартибу мўҳлати баррасӣ кардани муроҷиати шаҳрвандон ва ҷавобгариро дар ин бобат муайян месозад.

Лоиҳаи қонун дар асоси таҳлили амалияи истифодабарии қонунгузории ҷорӣ таҳия гардида, танзими ҳаматарафаи ҷараёнҳои баррасии муроҷиати шаҳрвандонро пешбинӣ кардааст. Он на танҳо ҳуқуқҳои шаҳрвандон, ўҳдадориҳои мақомоти давлатӣ, муассисаҳоро номбар кардааст, балки механизми ба рўи об баровардани онҳоро ошкор сохта, бо ҳамин шаффофии фаъолияти мақомот ва идораи давлатиро нишон додааст. Меъёрҳои он ба таъмини босамари фаъолияти мақомоти давлатӣ аз рўи фаъолият дар бобати муроҷиати шаҳрвандон, кам кардани миқдори онҳо нигаронда шудаанд.

Лоиҳаи қонун баъди муҳокимаи умумихалқӣ ҳаминро нишон медиҳад, ки дар пойгоҳи талабу давру замон таҳия гардидаасту маъқулёбии ҳамаҷонибаро пайдо кардааст.

Алқисса, лоиҳаи қонун дар бобати ба рўи об баровардани мақсади бузургамон — сохтани давлати демократии ҳуқуқбунёд ва ҷамъияти озоди адолатноки шаҳрвандӣ нақши калоне мебозад.

Вакилони халқ Шоира Умарова — котиби Кумитаи Олий Маҷлис оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ ва шуғл, Холмуҳаммад Нуруллоев — ҳокими ноҳияи Ургути вилояти Самарқанд, Ўлмас Саидҷонов — директори Маъмурияти ҷамоаҳои академӣ ва халқиву бадеии ба номи Муҳиддин Қориёқубов ба музокира баромада, фикру мулоҳизаҳои хешро баён карданд. Олий Маҷлис қонун ва қарорро дар бобати тартиби эътибор пайдо кардани он қабул намуд.

Олий Маҷлис аз рўи маърўзаи Машкура Сафаева — раиси Кумитаи Олий Маҷлис оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ ва шуғл ба як қатор санадҳои қонунгузорӣ тағироту иловаҳоро дохил намуд.

Ҳисоботи котиботи иҷлосия шунида шуд. Дар ин бора раиси котибот Турсуналӣ Қўзиев иттилоъ дод.

Олий Маҷлис як қатор шартномаву созишномаҳои байналхалқии Ҷумҳурияти Ўзбекистонро ратификатсия карда, як қатор фармонҳои Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон, қарорҳои Кенгаши Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистонро тасдиқ намуд.

Судяи Суди Олии Ҷумҳурияти Ўзбекистонро интихоб намуд ва ба ҳамин кори худро ба анҷом расонд.

Бояд тазаккур дод, ки иҷлосияи навбатии парлумон ҳуҷҷатҳо, санадҳои қонунгузориеро қабул намуд, ки ҳамаашон умда буда, дар бобати амалӣ гардондани барномаи стратегии пешрафтамон марҳалаи навро мекушояду пеш аз ҳама ба беҳдошти ҳаёти мардум, таҳкими рушди муназзамонаи пешрафти Ўзбекистон нигаронда мешавад.

**Э. ТУРДИҚУЛОВ.**

**Дар суратҳо:** (саҳифаҳои якум ва дуюм) лаҳзаҳо аз иҷлосияи даҳуми Олий Маҷлис даъвати дуюм.

**Аксбардор: Владимир ПОРТНОВ.**

## Муборакбодиҳои самимона

(Аввалаш дар саҳ.1)

### Ба Аълоҳазрат, ҷаноби Ислом Каримов, Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон

Ба муносибати Ийд ал-Фитр-иди бузурге, ки фазилатҳои олии инсониро намоён месозад, Шумо Аълоҳазрат ва халқи Ўзбекистонро муборакбод менамоям.

Дар ин моҳи муборак, ки аз марҳамати Оллоҳ саршор аст, ҳозир кардани бахти бузургро оиди гардондан ба уммати ислом баён карда, ба Оллоҳи раҳмдил дар бобати иноят кардан ба гузоштани иқдом дар роҳи якдилӣ шукронаҳо мегўям.

Аз Оллоҳи Қодир ба Шумо, Аълоҳазрат сиҳҳат-саломатӣ ва комёбиҳо, ба халқи Ўзбекистон иззату икром ва пешрафтро мепурсам.

**Саййид Муҳаммад ҲОТАМӢ,**
**Президенти Ҷумҳурияти Эрон.**

ххх

### Ба Аълоҳазрат, ҷаноби Ислом Каримов, Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон

Ба муносибати иди Рамазон Шумо, Аълоҳазратро самимона муборакбод менамоям ва аз фурсат истифода бурда, аз номи халқи Туркия ва шахсан аз номи худ ба Шумо, Аълоҳазрат саломатӣ ва бахту саодат, ба халқи Ўзбекистон осудаҳолӣ ва фаровониро таманно дорам.

**Аҳмад Неждет СЕЗЕР,**
**Президенти Ҷумҳурияти Туркия.**

ххх

### Ба Аълоҳазрат, ҷаноби Ислом Каримов, Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон

Аълоҳазрат,

Аз номи халқи Афғонистон, Ҳукумати Муваққатӣ ва шахсан аз номи худам ба муносибати Ийд ал-Фитр муборакбод кардани Шумо, Аълоҳазрат ва халқи Ўзбекистон ба ман қаноатмандии бузург мебахшад.

Халқи афғон дар бадали солҳои зиёде, ки ҷанг давом кард, моҳи муборакиРамазонро бори аввал бо оромиву осоиш гузаронда, бо тамоми давлатҳои мусалмон, аз он ҷумла халқи бародари Ўзбекистон якҷоя Ийд ал-Фитрро таҷлил менамояд.

Аз натиҷаи ҳамкориамон дар байни мамлакатҳоямон оид ба барҳам задани терроризм ва комёбӣ бахшидан дар бобати ёр гардидани оромиву осоиш ва амният дар минтақа ва ҷаҳон умедвор ҳастам.

Аз фурсат истифода бурда, ба Шумо, Аълоҳазрат сиҳҳат-саломатӣ, ба халқи Ўзбекистон бошад, бахту саодат ва тараққиётро таманно дорам.

**Ҳамид КАРЗАЙ,**
**Раиси Ҳукумати муваққатии Афғонистон.**

## 16 декабр—Рўзи истиқлолияти давлатии Қазоқистон

## Рўз аз рўз беҳ мегардад

**Дар солҳои истиқлолият Қазоқистон аз ҷумҳуриҳое гардид, ки дар ҷиҳати рушди иқтисодиёт ангуштнамо аст. Ва инро қиёсан бо дигар ҷумҳуриҳои собиқи шўравӣ ҳам пай бурдан мушкил нест. Аммо ҳамзамон дар ҷумҳурӣ масъалаҳои иҷтимоӣ низ зиёд аст, ки ҳалли худро мунтазир.**

Агарчи Ҷумҳурияти Қазоқистон моҳи октябри соли 1991 Эъломияи мустақилияти худро қабул намуда буд, 16 декабри ҳамон сол Шўрои Олии мамлакат Қонунро дар бораи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурияти Қазоқистон содир кард, ки аз ин боис ин сана чун Рўзи истиқлолияти он ҷашн гирифта мешавад.

Ҳамзистии тамоми миллиятҳои мамлакат, ки онҳо бештар а 130 тоянд, яке аз омилҳои асосии тараққиёти иқтисодиёти кишвар маҳсуб мегардад. Ва барои қонеъ гардондани тақозову ниёзҳои ҳамаи ҷамъияти сермиллат Анҷумани халқҳои Қазоқистон таъсис ёфтааст. Ҳамин созмон масъалаҳои милливу фарҳангӣ ва маънавии миллатҳои маскуни ҷумҳуриро ҳамоҳанг месозад.

Дар ҷиҳати иқтисодии ҳаёти мамлакат пеш аз ҳама афзалият ба давлатҳои ҳамсоя дода мешавад. Ғайр аз ин Қазоқистон ба шарофати зудтар ва барвақттар аз дигарон шурўъ намудани хусусигардонии корхонаҷоти давлатӣ ҳоло аз ин соҳаи иқтисодӣ сармояи зиёд ба даст меорад ва ҳатто аз гирифтани сармояҳои хориҷӣ даст кашида, ба сармоягузорӣ дар хориҷ аз кишвар сар кардааст. Ва соли 2000 бошад, мамлакат пеш аз мўҳлат қарзи худро ба Сандуқи байналмилалии асъор баргардонд. Алҳол захираи асъори таносуб ба тиллои мамлакат 4,7 млрд. долларро ташкил менамояд, ки ин бо назардошти 1,5 млрд. доллари хазинаи миллӣ мебошад. Аз 11, 617 млрд. доллари табодули моли нўҳ моҳи аввали соли ҷорӣ воридот 4,8 млрд. долларро ташкил менамояд.

Азбаски дар навбат ислоҳоти кишоварзӣ қарор дорад, дар буҷаи соли оянда нисбат ба соли ҷорӣ ба ин соҳа 54,7 фоиз бештар маблағ ҷудо карда мешавад. Ба соҳаи хизмати тиббӣ бошад, 41,8 фоиз бештар тахсис мегардад. Ва беҳуда нест, ки президент Назарбоев дар анҷумани анқарибӣ духтурони мамлакат аз хусуси хизмати бепули тиббӣ ҳарф зад. Бино ба суханони роҳбари давлат, алҳол барои бепул кардани хизмати тиббӣ давлат имконият дорад, аммо хавфи аз ин амал паст ғардидани сифати хизмати духтурон вуҷуд дорад.

Бино ба фикри сафири Қазоқистон дар Ўзбекистон Умурзоқ Ўзбеков, панҷ фоизи бекорони мамлакат ҳам худро қашшоқ эҳсос намекунанд, зеро ки онҳо аз давлат кўмакҳои гуногуни иҷтимоӣ мегиранд ва дар се соли охир беш аз ним миллион бо кор таъмин карда шуда, 1,5 млн. нафар аз қайди тоифаи қашшоқон баромаданд. Ҳамин тариқ, имрўз ҳадди ақалли музди аҳолии Қазоқистон панҷ ҳазор танга (33 доллар) муайян карда шудааст.

Дар иртибот бо Ўзбекистон ин кишвари ҳамсоя умумияти зиёд дорад ва чандин сол аст, ки гардиши мол дар байни онҳо соле 300 млн. долларро ташкил мекунад. Ва имрўз баъзе аз лоиҳаҳои муштараки ин ду мамлакат аҳамияти стратегӣ низ доранд. Сафир арз кард, ки дар ҳаёти фарҳангии ду мамлакат Рўзҳои Ўзбекистон соли оянда дар Қазоқистон аз воқеаҳои муҳим хоҳад гардид.

**Тоҷибой ИКРОМОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

# Маърўзаи Президент дар маркази диққату эътибори аҳли ҷамъияти ҷаҳон

**Ба унвои намояндагиҳои дипломатии мамлакатмон дар хориҷа акси садоҳо ва шарҳҳо ба маърўзаи Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон Ислом Каримов дар иҷлосияи нўҳуми Олий Маҷлис даъвати дуюм «Самтҳои устувори минбаъда амиқгардонии дигаргуниҳои демократӣ ва ба вуҷуд овардани асосҳои ҷамъияти шаҳрвандӣ дар Ўзбекистон» пайваста мерасанд.**

С. Гитлин, ки қариб 60 сол дар Ўзбекистон истиқомат кардаасту алҳол омўзгор- профессори Донишгоҳи Тел- Авив мебошад, алҳол низ ба дигаргуниҳои иҷтимоиву иҷтимоии мамлакатамон ва равандҳои сиёсӣ майлу шавқи калон зоҳир мекунад. Вазъи кунунии мамлакатамон, майлу шавқи калонро нисбати он баъди вожгун шудани собиқ Иттиҳод таҳлил намуда, С. Гитлин вазъи ниҳоят мусоиди геосиёсии Ўзбекистонро дар Осиёи Марказӣ нишон медиҳад ва мегўяд, ки бар асари он мебояд ҷумҳурият «роли стратегиро дар бобати барқарор кардани Роҳи бузурги абрешим — роҳи тиҷоратии нақлиёти байниқитъавие бозад, ки Шарқи Дурро бо Осиёи Марказӣ, Аврупоро бо Шарқи Наздик мепайвандад».

Дар дархости худ олими исроилӣ бо нақши Президент Ислом Каримов дар бобати ба даст овардани мақсадҳое, ки истиқлолият дар назди ҷумҳурият пеш гузоштааст, аҳамияти махсус додааст. Дар ҳақиқат, дар бадали ёздаҳ сол халқи ўзбек роҳеро тай намуд, ки бо он ба таври ҳаққонӣ фахру ғурур кардан лозим меояд. С. Гитлин зикр менамояд, ки дар суханронии Президент «ба он муваффақ шудааст, ки мухтасар, вале ниҳоят боварибахш он чизеро кушода диҳад, ки ҷумҳурият дар солҳои истиқлолият ба даст овардааст».

Баробари ин С. Гитлин зикр менамояд, ки асоси вазъи мўътадилу устувори мамлакати моро «сиёсати бобаркашу хуб фикркардашудаи Президент И. А. Каримов ташкил медиҳаду» ба туфайли он «дар фурсати кўтоҳи таърихӣ Ўзбекистон аз ҷомеаи ҷаҳонӣ ҷои муносиби худро пайдо кард, ислоҳот дар ҷумҳурият ҷиҳати нобозгаштро пайдо намудааст».

С. Гитлин дар хотимаи дархостҳои худ зикр менамояд, ки дар маърўзаи хеш сарвари давлатамон бори дигар тайёр будан ва азму хоҳиши Ўзбекистонро дар бобати минбаъда давом додани роҳи интихобгардида «дар пойгоҳи озодкунии соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва маънавӣ дар шароити на он қадар оддии садаи XX1 намоиш дод, ки дар шароит, вақте ки ба арсаи ҷаҳонӣ даъватҳо ва таҳдидҳои нав ба амният, аз қабили терроризми байналхалқӣ, мутаассибӣ, ҷинояткории муташаккил, нашъамандӣ ва нашъафурўшӣ таҳдид меоварад,» аҳамияти калон дорад.

Ва маҳз ҳамин роҳ имконият медиҳад, ки «мўътадилии сиёсиву иқтисодӣ на танҳо дар Осиёи Марказӣ, балки саросари собиқ масоҳати шўравӣ таъмин карда шавад».

Маърўзаи Президенти Ўзбекистон дар Покистон ҳам ҳамовозии гарму ҷўшон пайдо кардааст. Бояд зикр намуд, ки аҳли ҷамъияти Покистон ба майлу шавқи калон бо суханронии Президенти Ўзбекистон ошно гардида, онро ҳамчун «ҳуҷҷати барномавии рушди ҷамъияти ўзбек баояндаи дарозмўҳлат баррасӣ мекунанд».

Аз он ҷумла, зикр мегардад, ки суханронии Президенти Ўзбекистон, ки дар шакли ба ҳар як хонандаи оддӣ фаҳмо пешкаш гардидааст, барномаи мақсадҳои бузург ва самтҳои устувори стратегияи минбаъдаи рушди ҷамъияти моро бо назардошти тамоми ҷонибҳои ҳаёти ҷамъиятиву сиёсии он дар бар гирифтааст.

Нисбати суханронии сарвари мамлакатамон дар иҷлосияи нўҳуми Олий Маҷлис паёмнигори машҳури покистонӣ Фейсал Зоҳид Малик дар саҳифаҳои рўзномаи маҳбуби «Покистон Обсервек» фикру мулоҳизаҳои худро баён кардааст. Ф. З. Малик чандин маротиба ба Ўзбекистон сафар кардааст ва дар мақолаву нигоришҳояш аз мамлакатамон дар шакли боварибахшу боэътимод тарзи ҳаёти халқи Ўзбекистонро дар давлати нави мустақил инъикос кардааст.

Дар мақолаи охирини ба қарибӣ чоп гардидааш вай халқи ўзбекро ҳамчун «некхоҳу меҳнатдўст ва меҳмоннавоз», «Ўзбекистонро ҳамчун «давлати аҷиб дар Осиёи Марказӣ» тавзеҳ додааст.

Ф. З. Малик ба муштариён аз хусуси хотираҳояш дар бобати сафарҳо ба Ўзбекистон, вохўриҳояш ба Президент Ислом Каримов ва иштирок дар ҷашнвораи байналхалқии мусиқии «Шарқ тароналари» дар Самарқанд нақл карда, зикр менамояд, ки халқи ўзбек бо меҳнати хеш ба фатҳи қуллаҳои баланд муваффақ мегардаду мамлакатро ба куллӣ тағйир медиҳад. «Имрўзҳо давлати мазкур бо комёбиҳои худ дар рушди дохила ва барҳам задани тамоюлоти манфӣ, ки ба давраи гузариш алоқаманд ҳастанд, ҳамаро қоил кардааст, ҳамчунин бо он фахру ғурур карда метавонад, ки мамлакати мазкур узви баробарҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ гардидааст».

**Баҳром ШАРИПОВ,**
**шореҳи ОИ «Ҷаҳон».**

